# "Марг"

[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]

**Таҳияи: Аммори Шавқи.**

2009 - 1430

islamhouse.com

# الموت

« باللغة الطاجيكية »

إعداد : عمار شوقي

2009 - 1430

islamhouse.com

# Баноми Худованди бахшандай меҳрубон

## " Марг"

## الموت

Ҳамду сано бар он Худованде ки ба калимай "Кун" (бишав) тамоми махлуқотро офарид, ва салавоту салом бар расули у ки сабаби ҳидояти мо шуда, ва дуруд бар ол ва асҳобаш .

Аммо баъд:

Эй фарзанди Одам. Марг ки барой падар ва модарамон ( Одам ва Ҳаво ъалайҳимо салом) ки расид ҳеч шаку шубҳа нест ки бар моҳам мерасад.

Маъной маргро бо каломи Худо ва ба ҳадиси Расулуллоҳ фаҳмонидан чи зебост .

Худованд мефармояд:

أَعُوذُ بِاللَّهِ مِنَ الشَّيْطَانِ الرَّجِيمِ ﴿ وَأَنفِقُوا مِن مَّا رَزَقْنَاكُم مِّن قَبْلِ أَن يَأْتِيَ أَحَدَكُمُ الْمَوْتُ فَيَقُولَ رَبِّ لَوْلَا أَخَّرْتَنِي إِلَىٰ أَجَلٍ قَرِيبٍ فَأَصَّدَّقَ وَأَكُن مِّنَ الصَّالِحِينَ ﴿١٠﴾ وَلَن يُؤَخِّرَ اللَّهُ نَفْسًا إِذَا جَاءَ أَجَلُهَا ۚ وَاللَّهُ خَبِيرٌ بِمَا تَعْمَلُونَ ﴿١١﴾ ﴾ المنافقون: ١٠ - ١١

Яъне: "Нафақа кунед аз ончики рузиятон кардаем пеш аз инки марг бар яке аз шумо бирасад ва бигуяд: Парвардигоро агар андаке маргро бар ман тахир

биандози ки садақа бидиҳам ва аз ҷумлаи некукорон шавам, Худованд ҳаргиз марги касеро ки аҷалаш расида бошад тахир намеандозад ва Худо ба ончики анҷом медиҳед огоҳ аст".

Эй фарзанди Одам марг махлуқест ки лаззатҳоро бурида модарро аз писар ва писарро аз модар, дустро аз дуст ҷудо карда зери хокро хонааш мегардонад.

Пайғамбари Худо мефармояд:

" أكثروا ذكر هاذم اللذات" رواه ابن ماجة والترمذي.

Яъне: "Маргро ки бурандаи лаззатҳо аст бисёр ба ёд биёред "Ҳар инсон хоҳ қави бошад хоҳ заиф, хоҳ ғани бошад хоҳ фақир, хоҳ ҷавон бошад хоҳ пир ҳар оина маргро мечашад. Пайғамбари Худо ки беҳтарини махлуқоти Худо буд ва инчунин маҳбубтарин банда назди Худо буд дар охир маргро чашид. ва Қоруни лаъин ки калидҳой хазинаҳояшро шутурҳо мекашиданд бозҳам маргро чашид.

Марг ҷой гурезе надорад инсон дар куҷое бошад марг ба у расида ҷонашро мегирад.

Худованд мефармояд:

﴿ أَيْنَمَا تَكُونُوا يُدْرِكُكُمُ الْمَوْتُ وَلَوْ كُنتُمْ فِي بُرُوجٍ مُّشَيَّدَةٍ ﴿٧٨﴾ ﴾ النساء: ٧٨

"Ҳар куҷое ки бошед марг гиребонгиратон хоҳад шуд агар чи дар қалъаҳои мустаҳкам бошед"

Эй фарзанди Одам маргро ба ёд ор чунки марг инсонро аз ҷамият ба танҳой мебарад, ёд овардани

марг зиндагиро танг оварда ибодати Худоро баёд меёварад. марг занро аз шавҳар ва шавҳарро аз зан ҷудо карда ва барой он дар қабр рафиқҳои газандаро таёр мекунад пеш аз инки марги як фард фуру расад дар он ъаломатҳо ошкор мешавад ки он ъаломатҳо иборат аз пир шави инсон ва ё сафед шавии муй сар, ва ё хастагии он мебошад. ва лекин фарзанди одам аз инҳам ғофил аст.

Дар ҷавони ба ҳаво ва шаҳват машғул шуда вақтеки пир шуд Худоро баёд меёварад ва ба у марг фаро мерасад ки албатта ҳар нафс соҳиби ҳаёти маргро мечашад, Худованд мефармояд :

﴿ قُلۡ إِنَّ ٱلۡمَوۡتَ ٱلَّذِي تَفِرُّونَ مِنۡهُ فَإِنَّهُۥ مُلَٰقِيكُمۡۖ ثُمَّ تُرَدُّونَ إِلَىٰ عَٰلِمِ ٱلۡغَيۡبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ فَيُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ ٨ ﴾ الجمعة: ٨

"Бигу он марг ки аз он фирор мекунед сар анҷом ба шумо хоҳад расид ва баъд басуй касеки донои ъилми ғайб аст боз гардонида мешавед ва шуморо аз ончи анҷом додаед огоҳ хоҳад кард"

Ду чиз аст ки Худоро баёд меоварад: Мусибат ва марг, вақто мусибате бар инсоне фаро расад Худоро баёд оварда аз у ёри металабад. Эй фарзанди Одам насиҳат кардан ба марг кофист барой ту, агар мурдани инсонеро диди бидон ки рузе туҳам монанди ҳамон кафан карда зери хок мешави.

Касонеки ба ин сабабҳо вафот мекунанд оқибати онҳо ба хайр аст:

Ба гуфтани калимаи шаҳодат вафот кардан.

Шаби ҷумъа ва ё рузи ҷумъа вафот кардан.

Вафот кардан ба сабаби ҳомиладори (Сари фарзанд рафтан) .

Вафот кардан ба сабаби дифоъ аз дин ва нафс.

Эй фарзанди Одам ҳаёти дунёе ки абади нест ва ҳам Худовандҳам мефармояд" ҳар нафс чашандаи маргаст" бояд мо барой наҷот ёфтан аз дузах ва барой дидори Худованд ва барой ризогии у ва дохил шудани дар ҷаннати у худро ҳозир карда ба лиқои Худованд равем.

Шоир Хоҷа Аммори Шавқи мегуяд:

Муҳаммад ки ҷавҳари якто ва раҳматан лилоламин буд.

Дар байни куллу нафсин зоиқатулмавт мавҷудун фиҳи буд.

Эй  мусалмон -абл аз духли сандуқ кун зодро ҳозир.

Ки сандуқи безод бувад дузахи бе об.

Вассалому Алайкм